Хулосаи

***комиссияи ташхиси Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-044 ба диссертатсияи Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна дар мавзӯи «Технологияҳои муосири тадриси фанни химия бо дарназардошти муносибати босалоҳият ба таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогика аз рӯи ихтисоси 13.00.02 - назария ва методикаи таълиму тарбия (химия)***

Бо карори Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-044 дар назди Донишгохи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ мувофики талаботи банди 4-уми Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ (карори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.01.2016 тахти № 90109) комиссияи ташхисӣ дар ҳайати зерин: раис доктори илмҳои биология, профессор Сатторов Т. ва аъзоёни комиссия, доктори илмҳои химия Каримзода М., Ғайратзода М. тасдиқ гардид.

Комиссия дар асоси шинос шудан бо рисолаи Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна дар мавзӯи «Технологияҳои муосири тадриси фанни химия бо дарназардошти муносибати босалоҳият ба таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз аз рӯи тахассуси 13.00.02 - назария ва методикаи таълиму тарбия (химия) кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта маҳсуб меёбад. Воқеан ҳам дар давраи кунунии рушди ҷомеаи мо нақши мактабу маориф дар пешрафти мамлакат бузург аст. Айни замон хонандаи муосир дар олами нави иттилоотӣ хаёт ба сар мебарад, пештар аз муаллимон технологияи компютериро аз худ мекунад, ба сарчашмаи фаррохтари иттилоот дастрасӣ дорад. Бо истифода аз методҳо ва усулҳои классикӣ завқи онҳоро ба таълим бедор намудан ғайриимкон аст. Онҳо ба баъзе аз соҳаҳои илм камтар мароқ зоҳир мекунанд. Низоми анъанавии таҳсилот наметавонад ба ин тағйироти рӯзафзун ба таври созанда эътино намояд. Ин аст, ки гузариш ба низоми нави таҳсилот ҷавобгӯ ба талаботи замон ва амри зарурӣ мебошад.

Бухрони низоми таълим дар таҳсилоти муосири кишвар зарурияти рӯ овардан ба муносибати нав – муносибати босалоҳият ба таълимро асоснок мекунад. Аз ин рӯ, зарурияти таҷдиди назар намудани мазмуни таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба миён меояд.

***Арзиши назариявии таҳқиқот*** дар дақиқгардонии мазмуни мафҳуми «салоҳияти таҳқиқотӣ», коркарди амсилаи ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони синни миёнаи мактабӣ дар дарсҳои химия дар шароити таҷдиди мундариҷаи таҳсилот ифода меёбад.

***Арзиши амалии таҳқиқот дар*** имконияти истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот зимни ташкили фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар таълими химия ифода меёбад.

***Навгонии илмии таҳқиқот аз инҳо иборат мебошад:***

1) таркиби сохторӣ-ҷузъии салоҳиятмандии таҳқиқотии хонандагони синни миёнаи мактабӣ зимни дарсҳои химия дар шароити таҷдиди мундариҷаи таҳсилот ҳамчун маҷмӯи ташкилдиҳандаҳои фардӣ, маърифатӣ ва фаъолиятӣ муқаррар карда шуд, ки ба гурӯҳҳои салоҳиятҳои ба шахс, фаъолият ва маърифатнокӣ нигаронидашуда шудаанд;

2) роҳҳои ташаккули салоҳиятмандии таҳқиқотии хонандагони синни миёнаи мактабӣ дар дарсҳои химия дар шароити таҷдиди мундариҷаи таҳсилот ба таври зерин ошкор карда шудаанд:

- давра ба давра татбиқ намудани омӯзиш (ташаккули салоҳиятҳои барои шахс муҳим ва намоиш додани натиҷаҳои кори таҳқиқотии хонандагон; ташаккули муносибати арзёбикунанда (рефлексивӣ) ба кори худ ва натиҷаҳои он; намоиши (натиҷаҳои амалияи таҳқиқотии хеш);
- шаклҳои заминавии ташкили фаъолияти таҳқиқотӣ дар ҳар як давраи кор (иттиҳодияҳои эҷодии хонандагон, гурӯҳҳои проблемавӣ - эҷодӣ, конференсияҳои илмӣ-амалӣ).

**Аҳамияти *назариявии таҳқиқот*** дар дақиқгардонии мазмуни мафҳуми «салоҳияти таҳқиқотӣ», коркарди амсилаи ташаккули салоҳиятҳои таҳқиқотии хонандагони муассисҳои таҳсилоти миёнаи

умумӣ дар дарсҳои химия дар шароити таҷдиди мундариҷаи таҳсилот ифода меёбад.

***Аҳамияти амалии таҳқиқот*** дар имконияти истифодаи натиҷаҳои таҳқиқот дар ташкили фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ифода меёбад.

Дараҷаи таҳлили назариявии масъалаи таҳқиқшаванда, асоснокии хулосаҳои баровардашуда, муҳиммии мавзӯи диссертатсионии мазкур ва қобилияти унвонҷӯро дар самти амалӣ намудани таҳқиқоти мустақилонаи илмӣ собит месозанд. Автореферат пурра ба мазмуни диссертатсия мувофиқат мекунад.

***Натиҷаҳои тадқиқот*** дар 13 номгӯй маводи илмии интишонамудаи унвонҷӯ дар шакли мақола ва фишурдаҳо амалӣ шудааст, аз ҷумла 5 кори илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд. Маводи дигар дар маҷмӯаи конфиренсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ чоп гардидаанд.

Рисолаи Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна ба ихтисоси 13.00.02 – назария ва амалияи таълим ва тарбия (химия) ва самти фаъолияти Шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти №505) ҷавобгӯ мебошад.

Дар асоси таҳлил ва омӯзиши рисолаи Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна комиссия пешниҳод менамояд:

1. Рисолаи Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна дар мавзӯи «Технологияҳои муосири тадриси фанни химия бо дарназардошти муносибати босалоҳият ба таълим» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади ба ихтисоси 13.00.02 – назария ва амалияи таълим ва тарбия (химия) ва самти фаъолияти Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-044 қабул карда шавад.

2. Барои омӯзиш ва баҳодиҳии рисола муқарризони расмӣ дар ҳайати зерин тавсия карда мешавад:

- Холназаров С  - доктори илмҳои педагогӣ, профессори Донишгоҳи давлатии Бохтар  ба номи Носири Хусрав;

- Ҳакимхоҷаев С.Н. – номзади илмҳои химия, дотсенти кафедраи химияи органикӣ ва амалии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров».

3. Ба сифати муассисаи пешбар ба кори диссертатсионии Файзуллоева Мукаррама Маҳмудҷоновна Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия карда мешавад.

***Раиси комиссия:***

Доктори илмҳои биология,
профессор — Сатторов Т.

***Аъзои комиссия:***

Доктори илмҳои химия,
профессор — Каримзода М.Б.

Номзади илмҳои биология,
дотсент — Ғайратзода М.

Имзои М. Каримзода ва М. Ғайратзодаро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДОТ
ба номи С. Айнӣ — Назаров Д.